**Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007**
**№450 тасдиқ шудааст**

# БАРНОМАИ
# РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ШАҲРИНАВ ДАР ДАВРАИ ТО СОЛИ 2015

| | | |
|---|---|---|
| **Мавқеи ҷойгиршавӣ:** | | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Таъсис шудааст:** | | Соли 1927 |
| **Масоҳат :** | | 1000 км. мукааб |
| **Аҳолӣ** | **-ҳамагӣ:** | 89,6 ҳазор нафар |
| | **-шаҳрӣ** | 5,6 ҳазор нафар |
| | **-деҳот** | 84,0 ҳазор нафар |
| **Зичии аҳолӣ:** | | 8,9 нафар дар 1 км.мукааб |
| **Маркази маъмурӣ:** | | шаҳраки Шаҳринав |
| **Иқлим:** | | Субтропикӣ |
| **Дарёҳо:** | | Қаратоғ |
| **Захираҳои табиӣ:** | | газу нафт, сангҳои нимқиматбаҳо (аметист, оникс) |

Масофаи байни ноҳияи Шаҳринав - шаҳри Душанбе - 45 км.
Дар ноҳия то 1 январи соли 2007 2 – шаҳрак ва 5 деҳот мавҷуд аст.
Дар ноҳия 6 корхонаи саноатӣ (то 1 январи соли 2007) мавҷуд мебошад.

Дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия дар соли 2006 гӯшт (бо вазни зинда) - 1023,9 тонна, шир - 10555 тонна, ғалла - 11767 тонна, картошка - 1976 тонна, сабзавот - 14056 тонна, мева - 3925, ангур - 4320 тонна истеҳсол карда шудааст.

Дар ноҳия 33 адад муассисаҳои тиббӣ фаъолият мекунанд. Ба аҳолии ноҳия 115 нафар табибони ҳамаи ихтисосҳо ва 358 нафар кормандони маълумоти миёнаи тиббӣ хизмат мерасонанд.

Ба аҳолии ноҳия дар соли 2006 18 китобхонаи оммавию умумӣ, 13 клуб, 1 театр, 1 осорхона хизмати фарҳангию маърифатӣ мерасонанд.

Барои амалӣ гардонидани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав дар солҳои 2007- 2015 бо гузаштани иқтисодиёт ба муносибатҳои бозоргонӣ болоравии нақши минтақаҳо, ташкили ислоҳоти минтақавӣ, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ вобаста аст.

Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар солҳои 2007-2015 бо назардошти сол аз сол зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешавад ва ба зиёдшавии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ асос мегузорад.

Зиёдшавии қувваҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, сатҳи зиндагии мардум боло равад.

Дар ин самт баҳри ҳарчи бештар ташкил намудани ҷойҳои кории нав дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия сол аз сол пастшавии сатҳи бекорӣ дар назар аст.

Баҳри моил шудан ба ин мақсадҳо дар соҳаи саноат, истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ солҳои наздик ба истифодадиҳии иқтидорҳои нав ба нақша гирифта шудааст. Ҷалби ҳарчи зиёди сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои мазкур дар ин самт, аз ҷониби ноҳия тамоми имкониятҳо истифода мегарданд.

Баҳри амали сохтани Барнома ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ татбиқ намудани вазифаҳои зерин ба миён гузашта шудаанд :

- пурратар истифода кардани иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ ва ба ин восита зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ;
- ривоҷи соҳаи кишоварзӣ;
- тараққиёти шаҳр ва ҷалб намудани аҳолии деҳот ба шаҳр;
- баланд бардоштани сатҳи маънавӣ ва маълумотнокии аҳолӣ;
- ташкили инфраструктураи иқтисодӣ;
- рушди механизмҳои хоҷагии нохия;
- тараққӣ додани соҳаҳои хизматрасонӣ;
- ривоҷи соҳаи туризм;
- таъмини хуби низоми фаъоли ҳимояи ҳуқуқии тиҷорат;

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав дар солҳои 2007-2015 бо назардошти мақсадҳо, ҳудудҳо ва самтҳои асосии рушди иқтисодиёти кишвар таҳия гардидааст, ки Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Барномаи сармоягузории давлатӣ ва дигар барномаҳои соҳавии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд ва он баҳри амали гардонидани сиёсати пешгирифтаи

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида, барои рушди мунтазами иқтисодии мамлакат равона шуда, асоси паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад.

**Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ**

Аҳолии ноҳияи Шаҳринав ба 1 январи соли 2007 - 89,6 ҳазор нафар ё 1,3 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Айни ҳол 5,6 ҳазор нафар ё 6,3% дар шаҳракҳо ва 84,0 ҳазор нафар 93,7% дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар солҳои 2000-2005 аҳолии ноҳия 11,2% афзуд.

Коэффиценти умумии таваллуд ба ҳисоботи 1000 нафар аҳолӣ дар ноҳия соли 2005 15 нафарро ташкил дод.

Ҳангоми нигоҳ дошта шудани суръати афзоиши аҳолӣ дар солҳои 1991-2004 дар давраи то соли 2015 шумораи аҳолии муқимӣ дар оғози соли 2006 89,6 ҳазор нафар, дар ибтидои соли 2011 93,5 ҳазор нафар ва дар аввали соли 2016 98,3 ҳазор нафарро ташкил хоҳад дод ва назар ба соли 2004 - 9,9 ҳазор нафар зиёд ё ин, ки 11,2 фоиз афзоиш меёбад.

**Саноат**

Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии ноҳияи Шаҳринав дар соли 2015 бо нархи амалӣ 43845 ҳазор сомониро ташкил намуда, суръати реалии он назар ба соли 2005 5,4 маротиба зиёд дар назар аст. Зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ин истеҳсоли қувваи барқ ва кони санги мармар (онекс), санги нимқиматбаҳои ҷамаст (амитист) мебошад.

**Соҳаи электроэнергетика**

Дар ҳудуди ноҳия сохтмони нерӯгоҳҳои хурди обию барқии «Тоҷ» ва «Чептура» пешбинӣ гардидааст, ки тавоноии мукарраршудаи онҳо 1000 кВт. мебошад, ки дар 1 сол истеҳсоли нерӯи барқ 6 млн кВт соат дар назар дошта шудааст.

**Соҳаи коркарди нафт**

Мувофиқи пешниҳоди Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи тадқиқотҳои геологӣ ва анҷом додани як қатор корҳои сейсмитикӣ муайян шудааст,ки дар мавзеи Сариқамиши нохияи Шахринав кашфи кони нафт аз эҳтимол дур нест. Кормандони соҳа пешбини намудаанд,ки дар қаъри замини мавзеи Сариқамиш тақрибан 5 млн. тонна нафт мавҷуд аст.Дар сурати истихроҷ ин захираи нафт, мо метавонем иқтисодиёти ҷумҳуриро ба сатҳи баланд бардорем.Барои истихроҷи нафти майдони Сариқамиш тақрибан 30 млн.доллари амрико лозим аст.

Қобили қайд аст,ки мавзеи Сариқамиш бо маҳалли ҷойгиршавиаш ва нисбатан наздик будан ба шоҳроҳи Душанбе-Турсунзода, яке аз нуқтаҳои ҷалбкунанда ба ҳисоб рафта боиси ҷалби сармоягузорон мебошад.

**Коркарди маъданҳои кӯҳӣ**

Бо мақсади дар ноҳия зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум, бо ҷои кории доимӣ таъмин гардидани ҷавонон ва занони хонашин,

таъсиси корхонаи коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ мувофиқи талаботи имрӯза мебошад.

Кони санги мармари рухоми (оникс), ки захираи он 1250 тонна буда, дар таркибаш 760 тонна мармари рухом (оникс) рӯпӯшӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, мавриди истифода қарор дорад. Барои истихроҷи кони мазкур иҷозатномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи АБ-№ 168 аз 25 июни соли 2004 барои истифода дода шудааст.

Дар кони «Селбур» се минтақаи санги нимқиматбаҳои ҷамаст (аметист) кашф карда шудааст, аз он ҷумла қисми марказии майдони ҷамаст захираи ашёи хоми дараҷаи С1 – 69852 кг, дараҷаи С2 – 117439 кг ва ҷамасти суфташудаи дараҷаи С1- 10573 кг ва дараҷаи С2-62528 кг муайян карда шудааст. Иҷозатнома барои истифодабарии кони ҷамасти «Селбур» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон АБ № 69 аз 26 июни соли 2004 ба мӯҳлати даҳ сол то соли 2014 дода шудааст.

Бо дарназардошти манбаи зиёди ашъёи хоми сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ дар ноҳия таҳияи Барномаи мазкур имкон медиҳад, ки конҳои сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ пурра мавриди истифода қарор гиранд, таъмини маблағҳо барои корҳои ҷустуҷӯӣ – геологӣ равона гарданд ва ҷойҳои корӣ ба аҳолӣ зиёд карда шавад.

Дар заминаи конҳои сангҳои мармари рухом (оникс) ва санги нимқиматбаҳои ҷамаст (аметист) дар ноҳия, таъсис додани корхонаи коркарди сангро мувофиқи мақсад мешуморем.

### **Соҳаи саноати сабук**.

Бояд қайд кард,ки бо дар назардошти таъмин намудани иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оиди дар корхонаҳои саноати сабук зиёд кардани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва таъмин намудани рушди саноати бофандагӣ ва абрешимӣ дар кишвар, ки аз паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ бармеояд, дар таҳияи барнома таҷдид ва барқарорсозии филиали ҶСШП «Тоҷикатлас» (корхонаи собиқи шоҳибофӣ) –и ноҳияи Шаҳринав бояд ба инобат гирифта шавад. Ин имконият медиҳад, ки 450-500 коргар, аз он ҷумла 80% занҳои маҳаллӣ бо кор таъмин гашта 2,6 млн метр матоҳои шоҳии дурушт ва тайёр, ки иқтидори лоиҳавии корхона мебошад истеҳсол карда мешавад. Ба кор даровардани корхонаи мазкур аз соли 2008 мувофиқи мақсад аст.

### **Фаъолияти комплекси агросаноатӣ**

Майдони умумии заминҳои дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ буда то 1 январи соли 2005 100696 гектар аз он ҷумла обӣ 7337 га, заминҳои корам 10639 га, аз он обӣ 5025 га, ниҳолҳои бисёрсола 1418 га, чарогоҳҳо 44394 га, заминҳои кишоварзӣ 10639 гектарро ташкил медиҳад.

Дар тартиби майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ соли 2005 майдони кишти ғалладона 8168 га (82%)-ро ишғол намуда, 6120 га дар заминҳои лалмӣ чойгир шудааст.

Соли 2005 ба ҳисоби аз ҳар як гектар кишти зироати ғалладона дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 17,4 с/га ҳосил гирифта шуд. Истеҳсоли

ғалладона дар соли 2006 ба 11,8 ҳазор тонна расид ва соли 2015 13 ҳазор тоннаро ташкил дода, болоравӣ 2,0 маротиба (назар ба соли 2000) ба назар гирифта шуд.

Бо мақсади мустаҳкам намудани базаи хӯрокаи чорво, ҷорӣ кардани киштгардон, ривоҷ додани соҳаи сабзоворкорӣ, чун омили зиёд намудани иқтидори содироти ноҳия, инчунин бо назардошти гаронии нархҳои хариди маводи моддию техникӣ бо тағйиротҳо нархи фурӯши маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ, кишти замини пахта дар майдони 2524 га муқаррар карда шудааст.

Соли 2005 дар ноҳия 6511 ҳазор тонна пахта, бо ҳосилнокии 21,9 сентнерӣ аз ҳар гектар истеҳсол гардид. Бо мақсади ҳалли муаммоҳои зикргардида таъмини самаранокии соҳа ва баланд бардоштани рақобатнокии он дар ҳаҷми 5500 тонна дар соли 2010 ва 5500 тонна дар соли 2015 муқарар карда шуд. Афзоиши истеҳсоли пахта асосан аз ҳисоби то ба 22,0 сентнерӣ расонидани ҳосилнокии пахта ба амал баровaрда мешавад, ки нисбат ба соли 2005 0,1 сентнер зиёд мешавад. Дар соҳаҳаи асосии кишоварзӣ дар вақти муқаррар намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии кишти пахта нисбат ба соли 2005 ба миқдори 469 га кам ба инобат гирифта, тақсимоти ин заминҳо асосан байни кишти зироатҳои хӯроки чорво, зироатҳои ғалладона, сабзавот, бунёди боғи нав дар асоси киштгардон кардан муқаррар карда шудааст.

Дар соҳаи сабзаворкорӣ дар барнома талаботи корхонаи коркарди ашёи хом ва аҳолӣ ба инобат гирифта шудааст. Истеҳсоли консерваҳои сабзавотӣ бо назардошти баҳисобгирии талаботи бозор ба амал бароварда мешавад.

Ҳаҷми истеҳсоли меваҷот ва ангур то соли 2015 мутаносибан 5700 ва 8300 ҳазор тоннаро ташкил хоҳад кард. Афзоиш ҳар сол дар асоси зиёд намудани майдони ҳосилоти меваҳо ва токзор (мутаносибан 2,4% ва 12%) дар назар дошта шудааст. Бояд қайд кард, ки солҳои охир дар натиҷаи таъсири зарари офатҳои табиӣ ҳангоми гулкунӣ ва паҳншавии касалиҳо ба пастравии ҳосилнокии боғу токзорҳо оварда расонид. Бо назардошти амалӣ гардонидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2004 № 499 «Дар бораи Барномаи барқарорсозӣ ва рушди минъбадаи соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010» дар ноҳия ба 45 сентнерӣ аз ҳар як гектар расонидани ҳосилнокии боғу токзор муқаррар гардидааст.

Соҳаи коркарди комплекси агросаноатӣ, қисми таркибии соҳаи саноати ноҳия ба ҳисоб меравад ва ба амалӣ намудани самтҳои зерини афзалиятноки соҳа имконият медиҳад. Марҳила ба марҳила зиёд намудани истеҳсоли номгӯи гуногуни консерваҳо, бо технологияи замонавӣ таҷҳизонидани корхонаҳо, ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот барои дар бозори берунӣ ба рақобат тобовар кардани онҳо, барои беҳтар намудани намуди захиравии онҳо мусоидат менамояд.

Андешидани чораҳо оид ба бастани шартномаҳо бо вилояту шаҳрҳои дар минтақаҳои сард ҷойгиршудаи Федератсияи Россия доир ба таъминоти

аҳолии ин минтақаҳо бо маҳсулотҳои соҳаи коркард, дар назар аст. Ба замми ин андешидани чораҳо оиди иштирок дар намоишу фурӯши маҳсулот дар кишварҳои наздик ба назар гирифта шудааст.

**Соҳаи чорводорӣ**

Аз рӯи параметрҳои дурнамо саршумори чорвои калони шохдор дар соли 2010 ба 20700 сар ва дар соли 2015 ба 21200 сар расонида мешавад, ки ин нисбати соли 2000 мутаносибан 1,5 ва 1,6 маротиба афзоиш меёбад. Аз он саршумори модаговҳо 12000 сар ва 12300 сарро ташкил карда, нисбати соли 2000 1,7 маротибагӣ меафзояд.

Дар ноҳия гӯсфандҳои зоти ҳисорӣ парвариш карда мешаванд. Барои рушди соҳаи гӯсфандпарварӣ корҳои зотпарварӣ гузаронида шуда истодааст.

Рушди соҳаи чорводорӣ, самти муҳими соҳаи кишоварзӣ мебошад. Зиёд намудани саршумори чорво ва парранда ба зиёдшавии истеҳсоли махсулотҳои чорводорӣ: шир, гӯшт, тухм ва барои коркарди саноати пашму пӯст мусоидат менамояд.

Мақсади асосӣ ҳарчи бештар таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулотҳои чорводорӣ мебошад.

Мувофиқи дурнамо саршумори бузу гӯсфандон дар соли 2010 ба 28000 ва дар соли 2015 ба 30000 сар расонида шуда, нисбати соли 2000 47,8% ва 58,4% меафзояд.

Саршумори парранда дар соли 2010 ба 320000 сар ва дар соли 2015 ба 330000 сар хоҳад расид. Нисбати соли 2000-ум 7,7 ва 7,9 маротиба зиёд мешавад.

Истеҳсоли гӯшти чорвою паррандаро бо вазни зинда ба 1115-1130 тонна расонида, нисбати соли 2005 мутаносибан 66,2% ва 67,1%-ро ташкил медиҳад. Истеҳсоли шир дар соли 2010 ба 10800 тонна ва дар соли 2015 - 11000 тоннаро ташкил карда, нисбати соли 2000 мутаносибан 3-3,1 маротиба зиёд мегардад.

Истеҳсоли тухм соли 2010 – 30 млн. дона ва соли 2015 30,4 млн. дона расонида мешавад, ки ин мутаносибан нисбати соли 2000 1,5 ва 1,6 маротиба зиёд мешавад.

Истеҳсоли пашм дар соли 2010 20 тонна ва дар соли 2015 21 тоннаро ташкил дода, афзоиши он 1,5 ва 1,6 маротиба зиёд мешавад.

Истеҳсоли пилла дар ноҳия дар солҳои 2010 ва 2015 ба 32 тонна расонида мешавад, ки нисбати соли 2005 13% зиёд мебошад.

Истеҳсоли асал дар соли 2010 ба 69 тонна ва соли 2015 75 тонна расонида мешавад, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2005 мутаносибан 6,6 ва 7,2 маротиба зиёд мегардад.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои кишоварзии ноҳия дар маҷмӯъ бо назардошти иловагии сектори ғайри давлатӣ бо нархҳои пешбинишудаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2007- 2015, дар соли 2010 ба маблағи 51796 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2015 ба маблағи 52651 ҳазор сомонӣ муайян шудааст.

*Рушди соҳаи нақлиёт ва алоқа*

Барномаи рушди иқтисодии соҳаҳои нақлиёт ва алоқаи ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2007- 2015 бо назардошти пешниҳоди Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии омори Чумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав таҳия карда шудааст.

Мутобиқи ин мавод, дар маҷмӯъ Барнома пешбинӣ менамояд, ки дар соли 2015 нисбат ба соли 2000 ҳаҷми боркашонӣ ва гардиши бор 2,1 ва 1,4 маротибагӣ, мусофиркашонӣ ва гардиши мусофирон 1,7 ва 2,2 маротибагӣ афзоиш меёбад.

Дар ноҳияи Шаҳринав то 1 январи соли 2007 ҳамагӣ 205,4 км роҳҳои автомобилгард мавҷуд буда, аз он 114,9 км бо болопӯши сахт ва 90,5 км бо болопӯши мукаммал мебошад.

Дар панҷсолаҳои 2010 ва 2015 барқарор намудани роҳҳои автомобилгарди ноҳия ба микдори 28,3 км пешбинӣ гардидааст.

Рушди назаррас дар соҳаи алоқаи ноҳияи Шаҳринав низ пешбинӣ шуда, дар соли 2015 нисбат ба соли 2005 ҳаҷми даромад аз хизматрасонии алоқа – 8,8 маротиба ва ҳаҷми хизматрасонии алоқа –9,3 маротиба афзоиш меёбад.

Дар хизматрасонии коммуникатсияи телефонии Барнома рушди муваффақиятноки ширкатҳои моликияташон мухталифро пешбинӣ менамояд. Дар қатори дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ноҳия низ хизматгузориҳои алоқаи зудамал (мобилӣ), сотӣ, пейджингӣ, IP- телефония ва истифода аз «Интернет» амри воқеӣ мегарданд. Дар назар дошта мешавад, ки истифодабарандагони алоқаи телефони «сотӣ» дар соли 2010 нисбат ба соли 2005 - 8,4 маротиба ва дар соли 2015 назар ба соли 2010 – 1,4 маротиба афзуда, ба 18 ҳазор муштарӣ мерасад.

Шумораи истифодабарандагони шабакаи «Интернет» дар соли 2010 назар ба соли 2005 – 3,1 маротиба ва дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 – 137,5 фоиз зиёд мегардад.

Дар Барнома инчунин сохтмон ва мавриди истифода қарор додани шабакаи алоҳидаи пахши барномаҳои телевизионии ноҳия пешбинӣ карда мешавад.

Дар Барнома дар назар дошта мешавад, ки дар ноҳия ҳар сол дар соҳаи алоқа ба ҳисоби миёна 4-5 нафар ва дар маҷмӯъ бештар 40-50 нафар аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ таъмин карда мешаванд.

Фаъолияти сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ

Дар солҳои 2007-2015 Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав бо назардошти Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, истифодаи ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, маблағҳои худии вазорату идораҳо, буҷети давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва манбаъҳои дигар, таҳия карда шудааст.

Ҳаҷми умумии инвеститсияҳо (бе сармоягузориҳои хориҷӣ) ба иқтисодиёти ноҳияи Шаҳринав дар ҳаҷми 106,46 млн.сомонӣ, корҳои

сохтмону васлкунӣ 92,86 млн.сомонӣ ва ба истифода додани фондҳои асосӣ 108,82 млн.сомонӣ муайян шудааст.

Маблағҳои асосӣ барои сохта ба истифода додани иншоотҳои муҳим, яъне сохтмонҳои нерӯгоҳҳои обию барқии хурди «Чептура», «Точ», зеристгоҳи 220/110/35/10 кВ, азнавсозии хатҳои интиқоли барқ, биноҳои маъмурии шӯъбаи корҳои дохилӣ, комиссариати ҳарбӣ, амният, прокуратура, суд, шӯъбаи молия, шӯъбаи маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, шӯъбаи омор, қасри фарҳанг, китобхонаи бачагона ва маркази ҷавонон равона карда мешаванд.

Дар солҳои 2007-2015 истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ барои эҳтиёҷоти сохтмони асосӣ дар ҳаҷми 3063,6 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ шудааст.

Барои маблағгузории сармояҳои дохилӣ равона намудани маблағҳои худии вазорату идораҳо дар ҳаҷми 19,51 млн.сомонӣ ва маблағҳои буҷети давлатӣ 69,65 млн.сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Аз ҳисоби дигар манбаъҳо (аҳолӣ) 17,3 млн.сомонӣ (16,2 фоиз аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо) муайян карда шудааст.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои асосӣ барои сохтмони иншоотҳои мансубияти истеҳсолидошта 26,22 млн.сомонӣ (24,7 фоиз) ва ғайриистеҳсолӣ 80,24 млн.сомонӣ ( 73,3 фоиз) истифода мешаванд.

Аз маблағҳои буҷетие, ки ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона карда мешаванд, ба соҳаҳои афзалиятдошта (тандурустӣ, маориф ва фарҳанг) ҷудо намудани 23,24 млн.сомонӣ ки ин 21,8 фоиз, инчунин ба соҳаи коммуналӣ 16,62 млн.сомонӣ (15,6 фоиз) пешбинӣ карда шудааст.

Аз ҳисоби маблағҳои аҳолӣ ба истифода додани 39403 м.кв. манзили истиқоматӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар соҳаи иҷтимоӣ ба истифода додани мактабҳои маълумоти умумӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои 2676 ҷои талаба ва аз ҳисоби сармоягузорони хориҷӣ ба истифода додани мактабҳои маълумоти умумӣ барои 1040 ҷои талаба дар назар аст.

Дар иншоотҳои хоҷагии коммуналӣ бояд иқтидорҳои зерин ба истифода дода шавад: хати обтаъминкунӣ 9,92 км, хати интиқоли гази табиӣ 76 км ва хатҳои канализатсионӣ 6,2 км.

## Бозори истеъмолӣ

Ҳаҷми гардиши савдои чакана ва хизматрасониҳои пулакии ноҳия дар давраи солҳои 1991-2001 хеле кам гашта, нишондиҳандаҳои соли 2000 нисбат ба соли 1991 (нархҳои соли 2000) 8 маротиба ва ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 7,5 маротиба зиёд шуд. Дар ҳаҷми умумии савдои чакана фурӯши молҳои озуқа ба монанди гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ, равғани растанӣ, орд, картошка, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ, мева, сабзавот, аз молҳои ғайриозуқа бошад, газвор, пойафзол, маводи шустушӯӣ, молҳои хоҷагӣ, мебел, қолин, асбобу анҷоми рӯзгор ва ғайра афзалият дорад.

Рушди устувори иҷтимоию иқтисодии солҳои охир дар ноҳия бевосита ба афзоиши савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ таъсири мусбат

расонд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки омилҳои дар боло номбаршуда ба зиёдшавии ҳачми гардиши моли чакана ва хизматрасонии пулакӣ оварда расонид. Махсусан аз соли 2001 сар карда хаҷми ин нишондиҳандаҳо бо суръати баланд афзоиш меёбанд.

Ҳачми гардиши моли чакана (бо нархҳои муқоисавӣ) солҳои 2001 - 112 фоиз, 2002 - 2,2 маротиба, 2003 - 2,4 маротиба, 2004 - 3,7 маротиба ва 2005 - 119,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

Бо назардошти заминаҳои воқеӣ дар назар аст, ки ҳаҷми умумии гардиши савдои чакана дар ҳамаи соҳаҳо соли 2015 нисбат ба соли 2000 - 5,4 маротиба ва ҳаҷми хизматрасонии пулаки ба аҳолӣ 9,3 маротиба зиёд мешавад.

Аз тарафи дигар, дараҷаи таъмини бозори истеъмолӣ ба молҳои ниёзи мардум пеш аз ҳама ба фаъолияти соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ вобаста аст.

Ҳаҷми маҳсулоти гардиши савдои чакана ба ҳар сари аҳолӣ дар муқоиса нисбат ба соли 2000 дар соли 2005 бо нархҳои амалкунанда 4,4 маротиба, 2010 - 5,2 маротиба, 2015 - 5,5 маротиба, ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ бошад мутаносибан 8,1, 9,2, 9,4 маротиба афзоиш хоҳад ёфт. Дар натиҷаи афзоиши босуръати даромадҳои пулии аҳолӣ беҳтар гаштани сатҳи зиндагии мардум дар сохтори истеъмолот ҳиссаи маҳсулотҳои ғизонокиаш баланд, меафзояд. Сифати истеъмолии гурӯҳи асосии молҳои хӯрока беҳтар мегардад. Фурӯши гӯшт ва маҳсулоти ҳасибӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, тухм ва маҳсулоти он дар ҳаҷми умумии савдо афзоиш меёбад. Дар сохтори хизматрасонии пулакӣ низ пешравӣ ба вуҷуд меояд. Ҳаҷми хизматрасониҳои маишӣ, нақлиёти мусофиркаш, бо суръати баланд афзоиши хоҳанд ёфт.

**Рушди туризм**

Ҳудуди ноҳия дорои шароити хуби ташкили туризм мебошад. Дар ноҳия кӯлҳои табии «Париён», «Темурдара» ва «Ҷувозак», ҷангалҳои арча вуҷуд дорад. Дар қуллаи баландтарини қаторкӯҳи Ҳисор «Пирамидаи сафед» ҷойгир, ки дар он ҷо туризми кӯҳнавардиро ташкил кардан мумкин аст.

**Ҳифзи муҳити зист**

Масъалаи муомилот бо партовҳо, яке аз мушкилоти асосии ноҳия мебошад. Гарчанде дар ҳудуди ноҳия партовҳои маводи радиоактивидошта набошанд ҳам, омехтагии дараҷаҳои гуногуни партовҳои рӯзғор ва саноатӣ боиси сарзании бисёр нохушиҳо мегардад. Барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои нохуш ва ба танзим даровардани муомилот бо партовҳо бояд бақайдгирии манбаҳои ҳосилшавии партовҳо гузаронида шавад. Дар ҳар як деҳаю шаҳрак муассисаҳои махсуси нигоҳдорӣ ва коркарди партовҳо ташкил карда шуда, бояд техникаҳои махсус муҷаҳаз карда шаванд.

Пешгирии тамоми нохушиҳои аз бартараф кардани оқибатҳои он арзонтар аст. Яке аз роҳҳои пешгирии офатҳо сари вақт таъмин намудани маълумот оиди ҳолати муҳити зист ба аҳолӣ мебошад. Бинобар ин дар

ноҳия ташкил намудани лабораторияи таҳлилӣ ва ба роҳ мондани системаи таъҷилии таҳлил ва коркарди маълумотҳо ниҳоят муҳим аст.

Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки яке аз ҳадафҳои асосии рушди ҳазорсола мебошад, бе солим гардонии ҷисмӣ ва рӯҳии шаҳрвандон амали ношуданист. Маҳз бад шудани саломатии аҳолӣ омили асосии баланд гаштани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Бинобар ин бояд муассисаҳои тиббӣ ҳаматарафа дастгирӣ ёбанд ва сафи онҳо зиёд карда шавад.

Соҳаи асосии истифодабарандаи об дар ноҳия ин соҳаи кишоварзӣ мебошад. Маҳз аз сарфакорона истифода бурдани он натиҷаи фаъолияти кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, бояд дар оянда пойгоҳҳои нави обкашӣ (насосҳо) таъмир карда шуда ва сари вақт гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар назар аст.

Оиди сарсабз гардонидани ҳудуди ноҳия, бояд маъракаи ниҳолшинонӣ танҳо ба заминҳои обӣ маҳдуд нашуда, бояд заминҳои лалмӣ низ истифода бурда шуда, боғу токпарварӣ тараққӣ дода шавад.

## Рушди сохибкории хурд ва ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ

Дар ҳудуди ноҳия аз аввали хусусигардонӣ то имрӯз зиёда аз 54 адад иншоотҳои давлатӣ хусусӣ гардонида шудаанд, ки аз ин 8- тояш корхонаҳои калон ва зиёда аз 43 тояш корхонаҳои миёна ва хурд мебошанд. Бояд қайд намуд, ки ҳоло дар ноҳия аз корхонаҳои хусусишуда 24-тояш фаъолият дорад, 19 тояш фаъолият надорад ва 11-тояш ҳамчун хонаҳои истиқоматӣ истифода шуда истодааст.

Иншоотҳое, ки фаъолият надоранд ин асосан корхонаҳои хурд мебошанд, ки ба меъёрҳои шаҳрсозию меъморӣ мусоидат накардаанд ва аз маркази шаҳраку деҳот бардошта шудаанд. Корхонаҳои калони хусусишуда бошанд, аз бемасъулиятии соҳибонашон ва ба рақобати бозори имрӯза мусоидат накардани маҳсулоташон аз фаъолият бозмонданд.

Дар давраи то 1 январи соли 2006 410 корхонаҳои хурди соҳибкорӣ ба шӯъбаи омори ноҳия ҳисобот пешниҳод намуданд, ки шумораи кормандонашон 720 нафарро ташкил медиҳад. Афзоиши кормандони корхонаҳои хурд дар соли 2005 нисбат ба соли 2000 - 100,4 фоиз, соли 2010 нисбати соли 2005 - 100,5 фоиз, соли 2015 нисбат ба соли 2010 - 100,5 фоиз ва соли 2015 нисбат ба соли 2000 115,4- фоизро ташкил хоҳад дод. Маблағи умуми аз фурӯши маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) бошад, соли 2015 нисбати соли 2010 - 108,2 фоиз хоҳад шуд. Шумораи соҳибкорони инфиродӣ мувофиқи маълумоти кумитаи андози ноҳия дар соли 2000 - 693 нафарро ташкил намуда, ин нишондиҳандаҳо дар соли 2005 ба 720 нафар баробар гардид, дар соли 2010 ба 760 нафар ва дар соли 2015 ба 800 нафар баробар хоҳад шуд.

## Тайёр намудани кадрҳо

Тайёр намудани кадрҳо, яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати стратегии давлат буда, ҳарчи бештар қонеъ гардонидани талаботи

рӯзафзуни соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба мутахассисони таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, такмил ва ислоҳи низоми он, ворид шудан ба фазои ягонаи меъёрҳои байналмилалии таълимӣ мақсади асосии он мебошад.

Барои бомуваффақият ҳал намудани ин масъалаи стратегии сиёсати давлат тибқи Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- танзим ва такмили сохтори таҳсили миёнаи ҳамагонӣ ва ибтидоии касбӣ;
- таъмин намудани ҳамгироӣ ба фазои ягонаи таҳсили байналмиллалӣ;
- ҷалб намудани инвеститсияҳои хориҷӣ барои тайёр намудани кадрҳои ба талаботҳои иқтисодиёти бозоргони ҷавобгӯ;
- дар сатҳи давлатӣ таъмини маблағгузории устувори соҳа;
- аз ҳамаи намудҳои андоз озод намудани муассисаҳои таълимие, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ фаъолият менамоянд;
- тайёр кардани кадрҳои омузгорӣ аз рӯи ихтисосҳои ҳамгироӣ;
- ба танзим даровардани қонунгузорӣ роҷеъ ба хизматрасонии пулакии раванди таълим;
- бо дарназардошти талаботи воқеъии иқтисодиёти миллӣ тайёр намудани мутахассисон.

## Маориф

Бо назардошти талаботи Матритсаи сиёсати Ҳукумати Ҷумҷурии Тоҷикистон оид ба Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола вазифаҳои зерин самти стратегияи рушди низоми соҳаи маорифи ноҳияро дар давраи то соли 2015 ташкил медиҳад:

-нигоҳ доштани фазои ягонаи таълимоти таъмини бечунучарои ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони ноҳия, алалхусус духтарони фарзандони оилаҳои камбизоат ва кӯдакони шароиташон носолим хубнабуда дар ҷодаи таҳсилот :

-бо назардошти анъанаҳои таърихию фарҳанги тақвият бахшидан ба тарбияи ахлоқию ватандӯстии ҷавонон;

-дастгирӣ ва тақвияти рушди шабакаҳои муассисаҳои таъмини ғайридавлатӣ;

-рушди ҷараёни компютеркунонӣ ва информатиконии раванди таълим, таъмин намудани муассисаҳои таълими умумӣ бо адабиёти таълимию методӣ ;

- ислоҳоти низоми тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси муассисаҳои таълимоти умумӣ ;

- таҳияи чорабиниҳои аввалиндараҷа оид ба барқарорсозӣ ва таъмири асосии биноҳои мактабҳои деҳот;

- баланд бардоштани нуфузи маълумот тавассути истифодаи воситаҳои муосири техникию технологии таълим ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти самаранок ва рақобати солим дар байни мактабҳои таҳсилоти умумии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- баланд бардоштани саҳми ҳукумати маҳаллӣ дар ҳалли масъалаҳои маориф дастгирии молиявию моддӣ, маишию манзилии онҳо;

- ташкили самараноки истироҳати тобистона ва солимгардонии кӯдакону наврасон дар истироҳатгоҳу фароғатгоҳҳо;

- дар заминаи мактабҳои тахсилоти умумӣ ва муассисаҳои берун аз мактабие, ки ошхонаҳои ҷавобгӯи талаботи беҳдоштию вогирӣ доранд, барои кӯдакону наврасон ташкил намудани истироҳатгоҳҳои рӯзонаи солимгардонӣ.

Ҳалли масъалаҳои мазкур омили асосии ободии ҷомеа мебошад, зеро танҳо маълумоту дониши кофӣ арзишҳои волои ҷамъиятро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта, ғановату рушди онро кафолат дода метавонад.

Таълими томактабӣ ва миёна барои ба бачагон ташаккул додани муҳаббат ба ватан, гирифтани дониши ҳаматарафаю амиқ оид ба таъриху фарҳанги халқи худ ва арзишҳои умумиҷаҳонӣ бо назардошти дастовардҳои навини техникию технология, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои маълумот, ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик кардани онҳо нигаронида мешавад.

Зикр кардан зарур аст, ки бо мақсади иҷрои нақшаи давраи якум ва дуюми татбиқи Матритсаи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004 № 291 «Нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009» қабул карда шудааст, ки он ислоҳоти тартиби маблағгузории соҳаи идоракунӣ, ба талаботи рӯз мувофиқ гардонидани мазмуни мундариҷаҳои нақшаю барномаҳои таълим, сиёсат ва стратегияи онро дар бар мегирад.

Ин иқдом ба баланд шудани самара ва бомаром истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, ҳавасмандгардонии рақобати муассисаҳои таълимӣ, муҳайё намудани замина барои сарфаи маблағҳо ва тақсимоти оқилонаи онҳо мусоидат менамояд.

Афзоиши шумораи табиии аҳолии ноҳия, пешомади рушди соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва танзими оила дар давраи то соли 2015 меъёрҳои асосии барқарорсозӣ, бунёди муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таълими умумӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили маводи мавҷуда ва раванди афзоиши табиии аҳолӣ шаҳодат медиҳад, ки дар соли 2015 шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабии ноҳия бештар аз 250 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2000 2,3 маротиба зиёд мебошад.

Шумораи таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилотӣ умумӣ ба 22,5 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2000 107,6 фоизро ташкил медиҳад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки дар соли 2004 бо таҳрири нав қабул карда шудааст, муассисаҳои ғайридавлатӣ низ тадриҷан вусъат ёфта дар онҳо 0,8 ҳазор нафар хонандагон бо таълим фаро гирифта мешаванд.

Дар соли 2015 1,5 ҳазор нафар омӯзгорон ба таълиму тарбия машғул мешаванд, ки ин нисбати соли 2000 12,8% зиёд мебошад.

## Тандурустӣ

Он меъёрҳои миқдорие, ки дар низомномаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар кишварҳои собиқ шӯравӣ, нигаронида шуда буд, ба талаботҳои иҷтимоиву иқтисодии давраи гузариш мутобиқ шуда натавонист, ки ин ба сиҳатии аҳолии кишвар таъсири манфӣ расонд.

Бо паст шудани вазъи сиҳатии аҳолӣ, инчунин паст шудани хизматрасонии тиббӣ ва ҳифзи саломатӣ зарурати гузаронидани ислоҳотро дар соҳаи тандурустӣ, мувофиқ кардани сифати хизматрасонии тиббию санитариро ба миён овард.

Бинобар ин рушди соҳаи тандурустӣ бо дарназардошти сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, дар қаламрави ноҳия дар давраи то соли 2015 самтҳои зеринро дарбар мегирад:

- аз тарафи давлат таъмин намудани ҳаҷми кафолатноки хизматрасонии ройгони тиббӣ ба аҳолӣ, махсусан ба аҳолии камбизоат;
- гузариш ба таҷрибаи маблағгузории сарикасии аҳолӣ бо дарназардошти коэффисентҳои махсуси сохторӣ, синну сол, ҷинс, таввалуд, марг, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва маблағгузории беморхонаҳо аз рӯи принципи табобати бемор;
- ба амал баровардани ислоҳоти сохторӣ, тибби оилавӣ, ташкили бозори хизматрасонии тиббӣ ва ҳавасмандсозии рушди бахши ғайридавлатии тандурустӣ;
- баланд бардоштани низоми идора ва истифодаи захираҳои давлатии молиявӣ, инчунин маблағҳои дар барномаҳои мақсаднок оид ба мубориза бар зидди бемории сил, гепатит В, вараҷаи тропикӣ, ВИЧ/СПИД, касалии қанд, бемориҳои онкологӣ, инчунин барномаҳое, ки ба дастгирии модару кӯдак пешбинӣ шудаанд;
- инкишофи афзалиятнок ва баланд бардоштани сифати ёрии аввалияи тиббию санитарӣ, ки ба принципҳои тибби оилавӣ асос ёфтааст;
- баланд бардоштани сифати хизматрасонии аввалияи тиббию санитарӣ ба занони синну соли қобили таввалуд, занони ҳомила ва нифол, ки ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосии онҳо нигаронида шудааст;
- пешгирии сабабҳои асосии фавти кӯдакону модарон ва пурзӯр кардани чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаҳои пешгирии камхунӣ, ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, солимии репродуктивӣ ва танзими оила;
- таблиғи тарзи ҳаёти солим ва паҳн намудани иттилоот дар бораи пешгирии бемориҳо, ғизои солиму қобили қабул таввасути ахбори умум ва кормандони тиб;
- рушди барномаҳои маърифатӣ оид ба мубориза зидди бемориҳои саратон;
- истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда.

Дар доираи Барнома эҳтиёҷи асосии аҳолӣ ба хизматрасонӣ оиди кӯмаки авалияи тиббию санитарӣ бо роҳҳои пешниҳод намудани доираи васеъи хизматрасониҳо дар соҳаи нигоҳдорӣ ва тақвияти саломатӣ, табобат ва барқароркунии оқибатҳои беморӣ дар шахсони алоҳида, гурӯҳҳои одамон қонеъ гардонида мешавад. Аз тарафи мақомоти иҷроияи

ҳокимияти давлатии ноҳия, аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети маҳаллӣ пешбинишуда ба муассисаҳои тандурустӣ расонидани ёрии амалӣ, дар таъмири биноҳо, дарёфти техникаи тиббӣ ва кадр намудани меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ аз чиҳати маишию манзилӣ равона карда мешаванд.

Дар доираи ислоҳот то соли 2015 афзун намудани иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ то 705 қабул дар як баст ё ба 108% нисбати соли 2000 расонидани он дар назар дошта шудааст.

Дар соли 2015 ба 18 адад расонидани миқдори хонаҳои тиббӣ карда шудааст, ки нисбат ба соли 2005 120 фоизро ташкил медиҳад.

**Фарҳанг**

Барномаи мазкур бо дарназардошти сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ рушди муассисаҳои фарҳангӣ, нашри рӯзномаҳо ва пахши телевизион ва радиошунавониро дар ноҳия то соли 2015 пешбинӣ менамояд. Вазифаи асосӣ дар ин самт тарбияи ахлоқию ватандӯстии аҳолӣ дар рӯҳияи арзишҳои миллию умумибашарӣ, васеъ ва мустаҳкам намудани пояи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ мебошад.

Дар соли 2015 нисбат ба соли 2000 шумораи клубҳо 7,7 фоиз, китобхонаҳои оммавӣ 11,1 фоиз, мактабҳои мусиқӣ 100 фоиз меафзояд. Имрӯз матбааи ноҳия ба таҷҳизотҳои иттилоотии ҳозиразамон ниёзманд аст. Дар ин давра дар ноҳия сохтмонҳои қасри фарҳанг барои 750 ҷой, мактаби мусиқии бачагона, китобхонаи оммавӣ то соли 2015 пахши барномаҳои телевизиони ҷумҳурӣ то 100% дар назар аст.

**Шуғли аҳолӣ**

Сиёсати давлат дар соҳаи шуғл ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2003 №94 «Дар бораи тасдиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2007» равона шудааст, ки ба даст овардани мувозинат дар байни талабот ва пешниҳодоти қувваи корӣ, мусоидат намудан ба ташкили ҷойҳои кории иловагӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи шаклҳои гуногуни шуғл ва ғайра мақсади асосии он аст.

Бо вуҷуди беҳтар гардонидани вазъи бо кор таъмин намудани аҳолӣ, ҳолати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҳанӯз мураккаб аст. Сабаби асосии ба кори доимӣ ҷалб нагардонидани бекорон ин паст будани музди меҳнат, паст будани малакаи касбии бекорон ва ба талаботи онҳо ҷавобгӯ набудани касбу кори пешниҳодшуда мебошад.

Аз ин рӯ ҷойҳои корие таъсис додан зарур аст, ки (аз нигоҳи иқтисоди мақсаднок) одамон бо истифода аз дастовардҳои илму техника ҳосилнокии баланди меҳнатиро ноил гарданд ва барои қонеъ гардонидани талаботи шахсии худ имконият пайдо намоянд.

Таъкид кардан зарур аст, ки бо суръати баланд афзоиши табии аҳолӣ ва зиёд шудани шумораи миёнаи оила ба паст шудани дараҷаи шуғли

аҳолӣ оварда мерасонад ва ин хатар бояд таввасути воситаҳои ахбори умум, нашри адабиёт ва ташкили намоишҳо ба мардум фаҳмонда шавад.

Боназардошти мушкилоти мавҷуда метавон гуфт, ки дар марҳилаи имрӯзаи тараққиёти ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳиму асосии сиёсати давлат дар соҳаи шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми то давраи 2015 аз инҳо иборатанд:

- пурзур намудани ҳифзи воқеии ҳуқуқҳои асосии меҳнатию иҷтимоии меҳнаташон;
- барқарор сохтан ва таҷдиди куллии техникию технологии он соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки то имрӯз фаъолияташон ҳаст;
- бо роҳи бунёди корхонаи хурд оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр ташкил намудани чойҳои нави корӣ дар минтақаҳое, ки захираҳои барзиёди меҳнатӣ доранд;
- ҷудо намудани қарзҳои хурд ба маъюбони қобили меҳнат ва нафақахӯрон барои машғул шудан ба соҳибкорӣ;
- рушди соҳаи кишоварзӣ, дар деҳот бунёд кардани корхонаҳои миёнаи коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, ташкили шароит барои рушди кооператсияи ҳунармандӣ, меҳнати хонагӣ;
- дастгирии ташаббуси меҳнатии шаҳрвандон дар ҷодаи соҳибкорӣ, кӯмаки молиявӣ расонидан ба меҳнати истеҳсолӣ ва эҷодӣ;
- ташкил намудани додани карзҳои хурд барои хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорон барои ташкили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ниёзи мардум;
- мунтазам ташкил кардани ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ бо иштроки намояндагони ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, новобаста аз шакли моликият;
- беҳтар намудани фаъолияти хадамоти шуғл ва таъминоти молиявии онҳо;
- муқаррар намудани квотаҳо барои корхонаҳо дар ҷодаи ба кор қабул намудани шаҳрвандоне, ки дар бозори меҳнат қобилияти рақобати озодро надоранд;
- ташкил ва рушди биржаҳои меҳнат ва марказҳои иҷтимоию меҳнатӣ барои бонувон;
- бо назардошти манфиатҳои аввалиндараҷаи иҷтимоию иқтисодии ноҳия танзим кардани муҳоҷирати хориҷии меҳнат;
- андешидани тадбирҳои зарурӣ оид ба афзун намудани воридоти асъорӣ аз ҳисоби мухоҷирони меҳнатӣ ва истифодаи қисме аз ин даромадҳо барои ташкили ҷойҳои нави корӣ;
- ташкили механизми дастгирии табақаҳои камбизоатии аҳолӣ, рушди кӯмаки иҷтимоии мақсаднок.

Мақсади асосии Барномаи мазкур баланд бардоштани сатҳи зиндагии гӯруҳҳои нисбатан нодори аҳолӣ мебошад, ки онро таввасути таъсиси ҷойҳои нави корӣ, андешидани чораҳои зарурӣ оид ба касбомӯзии корҷӯён, ташкили корҳои ҷамъиятии музднок, васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва меҳнатии аҳолӣ таввасути додани қарзҳои хурд (микрокредит) ба даст овардан мумкин аст.

Дар соли 2015 12,2 ҳазор нафар дар иқтисодиёт машғули кор мебошанд, ки нисбат ба соли 2000 1,2 мартиба зиёд аст.

Ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби рушди хоҷагиҳои деҳкониву фермерӣ, вусъати моликияти коллективӣ, азхудкунии заминҳои нав, васеъ кардани заминҳои обӣ ва ғайра ба даст меояд.

Афзудани шумораи кормандон дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ низ мушоҳида мешавад, ки он дар соли 2015 0,3 ҳазор нафар ё нисбат ба соли 2000 – 1,6 маротиба зиёд мебошад.

Зиёдшавии шумораи кормандони ин соҳа асосан аз ҳисоби вусъати фаъолияти тиҷоратӣ ва хӯроки умумии бахши ғайридавлатӣ сурат мегирад.

Дар соли 2015 шумораи коркунони соҳаҳои алоқа ва нақлиёт 98 нафар ё нисбат ба соли 2000 2,8 мартиба зиёд аст. Ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби азнавсозии роҳҳо, ба стандартҳои байналмиллалӣ мутобиқ гардонидани онҳо, васеъ кардани пахши барномаҳои телевизионӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ғайра мебошад.

**Натиҷаҳои татбиқи нишондиҳандаҳои**
**Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав**
**барои солҳои 2007-2015**

Амалӣ гардонидани иҷрои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ноҳияи Шаҳринав, ки дар Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2007-2015 омадааст, марҳилаи муҳими моил гаштани ноҳия ба пешравиҳо дар ҳамаи соҳаи хоҷагии халқ буда, имконияти дар ин давра ҳарчи бештар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, паст намудани сатҳи камбизоатиро фароҳам меорад.

Мутобиқи Барнома суръати рушди иқтисодиёти ноҳияи Шаҳринав ба тариқи зайл пешбинӣ гардидааст:

- аҳолии ноҳия дар соли 2015 назар ба соли 2005 дар сатҳи 11,2 фоиз зиёд шуда, ба 98,3 ҳазор нафар мерасад, ки дар ин ҳол суръатӣ миёнаи афзоиш 1,1фоизро ташкил менамояд.

- истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2015 43.8 млн. сомониро ташкил намуда, суръати афзоиши воқеиаш назар ба соли 2000 16,5 маротиба зиёд мешавад. Рушди соҳаи энергетика, саноати сабук, хӯрокворӣ, барқарорсозии иқтидорҳои кӯҳна ба воситаи ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ дар назар аст;

- маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2015 2,9 маротиба назар ба соли 2000 афзуда 52,6 млн сомониро ташкил менамояд;

- ҳаҷми гардиши савдои чакана дар соли 2015 ба 40 млн сомонӣ расида, суръатӣ афзоиши он бо нархҳои муқоисавӣ нисбат ба соли 2000 12,1 маротиба зиёд мешавад;

- хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ мутаносибан 20 млн сомонӣ бо суръатӣ афзоиш бо нархҳои муқоисавӣ 20 маротиба зиёд дар назар аст.

Амалӣ гардонидани нишондиҳандаҳои рушди гардиши савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ бо назардошти дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна, зиёдшавии маблағҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки аз дигар давлатҳо ба ноҳия меоянд, пешбинӣ шудааст;

Дар солҳои 2007-2015 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ноҳияи Шаҳринав ба мақсади амалӣ гардонидани лоиҳаҳо 1854,9 ҳазор доллари амрико сармоягузории хориҷӣ ба назар гирифта шудааст, ки аз он 990,6 ҳазор доллар барои солҳои 2007-2010, 864,3 ҳазор доллар барои солҳои 2011-2015 таалуқ дорад.

Дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳо оид ба ташкили ҷойҳои нави корӣ аҳолии ноҳия дар соли 2010 бо 618 ва дар соли 2015 бо 650 ҷойҳои нави корӣ таъмин мегарданд.

Татбиқи бомуваффақияти Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав дар солҳои 2007-2015 имкон медиҳад, ки иҷрои нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёти ноҳия таъмин гардад, ки дар Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 пешбинӣ шудаанд.

**Замимаи № 1**

**Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии**
**рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2007-2015**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | с. 2000 ҳисобот | с. 2005 ҳисобот | с. 2006 ҳисобот | с. 2007 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | с. 2010 нисбати | | с. 2015 нисбати | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | с. 2010 | с.2015 | с.2000 | с.2005 | с.2000 | с.2005 |
| Шумораи аҳолӣ дар охири сол ҳамагӣ | ҳазор нафар | 80,6 | 88,4 | 89,6 | 90,6 | 93,5 | 98,3 | 116,0 | 105,8 | 121,9 | 111,2 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | | | | |
| шаҳрӣ | -"- | 4,9 | 5,5 | 5,6 | 5,7 | 5,9 | 6,2 | 120,4 | 112,7 | 126,5 | 112,7 |
| деҳотӣ | -«- | 75,7 | 82,9 | 84,0 | 84,9 | 87,6 | 92,1 | 115,7 | 105,7 | 115,7 | 111,1 |
| Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои ҷории солҳои дахлдор (суръати афзоиш бо нархҳои муқоисавӣ) | ҳазор. сомонӣ | 2662 | 8160 | 11576 | 16194 | 30867 | 43845 | 11,6 м. | 3,8 м. | 16,5 м | 5,4 м |
| Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои ҷории солҳои дахлдор (суръати афзоиш бо нархҳои муқоисавӣ) | ҳазор. сомонӣ | 18401 | 46478 | 45796 | 50500 | 51796 | 52651 | 2,8 м | 111,4 | 2,9 м. | 113,3 |
